

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН[1] ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2024

*Дар семоҳаи якуми соли 2024 сарфи назар аз ҷой доштани номуайяниҳои иқтисодӣ вобаста ба вазъи мураккаби геосиёсӣ дар ҷаҳон, низоми бонкии кишвар нисбат ба хавфҳои марбута истодагарӣ намуда, фаъолияти бемамонияти худро идома доданд. Дар ин давра нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ дар сатҳи мақбул қарор дошта, дороиҳо, сармоя, қарздиҳӣ ва пасандозҳои низоми бонкӣ тамоюли зиёдшавиро касб намуданд.*

**Кифоятии сармоя.** Дар ҷамъбасти семоҳаи якуми соли 2024 меъёри кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 24,5 фоиз баробар гардид, ки аз талаботи муқарраршуда 12,5 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад. Афзоиши нобаробари сармояи танзимшаванда (20,9 фоиз) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи (27,7 фоиз) низоми бонкӣ дар ин давра ба тағйир ёфтани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) боис гардид. Меъёри К1-3 бошад ба 18,7 фоиз баробар гардид.

Мавриди зикр аст, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд қарор доштани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

**Пардохтпазирӣ.** Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом ба талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (30 фоиз) мутобиқ буда, 86,3 фоизро ташкил намуд. Пардохтпазирии бо асъори хориҷӣ ифодаёфтаи низоми бонкӣ низ дар сатҳи муносиб қарор дошта, 81,0 фоизро ташкил намуд.

**Даромаднокӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя тамоюли мӯътадил

**1. МКС (К1-1) дар низоми бонкӣ**




**2. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)**




**3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя**




[1] *Бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва ТАҚХ*

дошта, мувофиқан 3,5 фоиз ва 18,7 фоизро ташкил намуданд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 11,5 фоиз дар интиҳои моҳи марти соли 2023 то ба 12,8 фоиз дар давраи ҳисоботӣ зиёд шуд.

Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 94,2 фоиз баробар гардид.

Ҳамчунин бояд қайд намуд, ки таносуби нишондиҳандаи қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба сармояи танзимшаванда ба ҳолати 31 марти соли 2024 1,93 фоизро ташкил дод, ки ин нишондод ба кам будани сарбории қарзҳои ғайрифаъол ба сармоя ифода менамояд.

**Хавфи асъорӣ.** Дар давраи ҳисоботӣ ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи марти соли 2023 ба андозаи 3,0 б.ф. афзоиш ва ҳиссаи пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 2,0 б.ф. коҳиш ёфта, мувофиқан 32,2 фоиз ва 42,7 фоизро ташкил намуданд.

Яке аз роҳҳои муайян намудани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки ин номувофиқатии мавқеи асъорро аз рӯйи дороиҳо ва ӯҳдадориҳо (мавқеи кушода) нишон медиҳад. Тибқи таҳлилҳо сармояи низоми бонкии Тоҷикистон ба хавфи асъорӣ нисбатан камтар осебпазир буда, ба ҳолати охири моҳи марти соли 2024 ин нишондиҳанда (мавқеи кушодаи асъорӣ/ сармояи танзимшаванда) 2,7 фоизро ташкил дод.

*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




**5. (ҚҒФ-ФПТИ)/СТ**




*6. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




*Манбаъ: ҳисобҳои БМТ*